Эсхата

# ҚОИДАҲО ОИД БА
# КОРКАРДИ МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ

## 1. Муқаррароти умумӣ

Қоидаҳои мазкури коркарди маълумоти шахсӣ мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» аз 03.08.2018 №1537 (минбаъд — Қонун дар бораи маълумоти шахсӣ), Низомнома оид ба коркарди маълумоти шахсӣ дар ҶСК «Бонки Эсхата» таҳия гардида, тартиби коркарди маълумоти шахсӣ ва чораҳои таъмини амнияти маълумоти шахсиро, ки аз ҷониби ҶСК «Бонки Эсхата», Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд (минбаъд — Оператор) андешида мешаванд, муайян менамоянд.

1.1. Оператор риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҳангоми коркарди маълумоти шахсии онҳо, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, ҳадафи муҳимтарин ва шарти фаъолияти худ мешуморад.

1.2. Қоидаҳои мазкури Оператор оид ба коркарди маълумоти шахсӣ (минбаъд — Қоидаҳо) нисбат ба тамоми маълумоте татбиқ мегарданд, ки Оператор метавонад дар бораи истифодабарандагони веб-сайт https://eskhata.com ба даст орад.

## 2. Мафҳумҳои асосие, ки дар Қоидаҳо истифода мешаванд

2.1. **Коркарди автоматикунонидашудаи маълумоти шахсӣ** — коркарди маълумоти шахсӣ бо истифода аз воситаҳои техникаи ҳисоббарор.

2.2. **Бастани маълумоти шахсӣ** — муваққатан қатъ намудани коркарди маълумоти шахсӣ (ба истиснои ҳолатҳое, ки коркард барои аниқ намудани маълумоти шахсӣ зарур бошад).

2.3. **Вебсайт** — маҷмӯи маводи графикӣ ва иттилоотӣ, инчунин барномаҳо барои мошинҳои электронии ҳисоббарор ва махзанҳои маълумот, ки дастрасии онҳоро дар шабакаи Интернет бо суроғаи шабакавии https://eskhata.com таъмин менамоянд.

2.4. **Ҳифзи маълумоти шахсӣ** — маҷмӯи тадбирҳое, ки бо мақсади пешгирӣ намудани дастрасии беиҷозат ба маълумоти шахсӣ амалӣ карда мешаванд.

2.5. **Ҳомилҳои моддӣ** — объектҳои моддӣ (аз ҷумла майдонҳои физикӣ), ки дар онҳо маълумоти шахсӣ дар шакли рамзҳо, тасвирҳо ва садо инъикос меёбад.

2.6. **Бехусусияткунонии маълумоти шахсӣ** — амалҳое, ки дар натиҷаи онҳо бе истифодаи маълумоти иловагӣ муайян намудани тааллуқ доштани маълумоти шахсӣ ба субъекти мушаххаси маълумоти шахсӣ ғайриимкон мегардад;

2.7. **Коркарди маълумоти шахсӣ** — амалҳое, ки ба сабт, мураттабсозӣ, нигоҳдорӣ, тағйирдиҳӣ, такмил, гирифтан, истифода, паҳнкунӣ, бехусусияткунонӣ, бастан ва нобудсозии маълумоти шахсӣ равона гардидаанд;

2.8. **Оператори махзани маълумот** (минбаъд — оператор) — мақоми давлатӣ, шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартнома бо доранда коркард ва ҳифзи маълумоти шахсиро амалӣ менамояд;

2.9. **Маълумоти шахсӣ –** Маълумот дар бораи воқеиятҳо, ҳодисаҳо ва ҳолатҳои ҳаёти субъекти маълумоти шахсӣ, ки имкон медиҳанд шахсияти ӯ муайян карда шавад.

Ҳама гуна иттилооте, ки бевосита ё бавосита ба Истифодабарандаи муайян ё муайяншавандаи вебсайти https://eskhata.com дахл дорад.

2.10. **Маълумоти шахсие, ки аз ҷониби субъекти маълумоти шахсӣ барои паҳнкунӣ иҷозат дода шудааст,** — маълумоти шахсие, ки дастрасии доираи номаҳдуди шахсон ба он аз ҷониби субъекти маълумоти шахсӣ тавассути додани розигӣ ба коркарди маълумоти шахсии барои паҳнкунӣ иҷозатдодашуда бо тартиби пешбининамудаи Қонун дар бораи маълумоти шахсӣ фароҳам оварда шудааст (минбаъд — маълумоти шахсии барои паҳнкунӣ иҷозатдодашуда).

2.11. **Истифодабаранда** — ҳар як боздидкунандаи вебсайти https:// eskhata.com.

2.12. **Истифодаи маълумоти шахсӣ** — амалҳо бо маълумоти шахсӣ, ки барои амалишавии фаъолияти доранда, оператор ва шахси сеюм равона гардидаанд;

2.13. **Паҳн кардани маълумоти шахсӣ** — ҳама гуна амалҳое, ки ба ифшои маълумоти шахсӣ ба доираи номуайяни шахсон (интиқоли маълумоти шахсӣ) ё шинос намудани доираи номаҳдуди шахсон бо маълумоти шахсӣ равона гардидаанд, аз ҷумла интишори маълумоти шахсӣ дар воситаҳои ахбори омма, ҷойгир намудани он дар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ ё фароҳам овардани дастрасӣ ба маълумоти шахсӣ бо ҳар гуна тарзи дигар.

2.14. **Субъекти маълумоти шахсӣ (минбаъд** — субъект) — шахси воқеие, ки ба ӯ маълумоти шахсии дахлдор тааллуқ дорад.

2.15. **Интиқоли фаромарзии маълумоти шахсӣ** — интиқоли маълумоти шахсӣ ба ҳудуди давлатҳои хориҷӣ.

2.16. **Нобудсозии маълумоти шахсӣ** —– ҳама гуна амалҳое, ки дар натиҷаи онҳо маълумоти шахсӣ бебозгашт нобуд гардида, барқарорсозии минбаъдаи мазмуни маълумоти шахсӣ дар низоми иттилоотии маълумоти шахсӣ ғайриимкон мегардад ва/ё ҳомилҳои моддии маълумоти шахсӣ нобуд карда мешаванд.

## 3. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии Оператор

3.1. Оператор ҳуқуқ дорад:

- аз субъекти маълумоти шахсӣ иттилооти саҳеҳ ва/ё ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти шахсиро гирад;
- дар сурати аз ҷониби субъекти маълумоти шахсӣ бозхонд шудани розигӣ ба коркарди маълумоти шахсӣ, инчунин ирсол гардидани муроҷиат бо талаби қатъ намудани коркарди маълумоти шахсӣ, ҳангоми мавҷуд будани асосҳои дар Қонун дар бораи маълумоти шахсӣ зикршуда коркарди маълумоти шахсиро бе розигии субъекти маълумоти шахсӣ идома диҳад;
- таркиб ва номгӯи чораҳои барои таъмин намудани иҷрои уҳдадориҳои пешбининамудаи Қонун дар бораи маълумоти шахсӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мутобиқи он қабулгардида зарур ва кофиро мустақилона муайян намояд, агар Қонун дар бораи маълумоти шахсӣ ё дигар қонунҳо тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд.

3.2. Оператор уҳдадор аст:

- бо дархости субъекти маълумоти шахсӣ иттилооти марбут ба коркарди маълумоти шахсии ӯро пешниҳод намояд;
- коркарди маълумоти шахсиро бо тартиби муқарраргнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намояд;
- ба муроҷиатҳо ва дархостҳои субъектҳои маълумоти шахсӣ ва намояндагони қонунии онҳо мутобиқи талаботи Қонун дар бораи маълумоти шахсӣ ҷавоб диҳад;
- бо дархости мақоми ваколатдор оид ба ҳифзи ҳуқуқи субъектҳои маълумоти шахсӣ дар давоми 10 рӯз аз санаи гирифтани чунин дархост маълумоти зарурирo пешниҳод намояд;
- барои ҳифзи маълумоти шахсӣ аз дастрасии ғайриқонунӣ ё тасодуфӣ ба онҳо, нобудсозӣ, тағйирдиҳӣ, бастан, нусхабардорӣ, пешниҳод, паҳн кардани маълумоти шахсӣ, инчунин аз дигар амалҳои ғайриқонунӣ нисбат ба маълумоти шахсӣ чораҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва техникӣ андешад;
- интиқоли (паҳнкунӣ, пешниҳод, дастрасӣ) маълумоти шахсиро қатъ намуда, коркардро қатъ кунад ва маълумоти шахсиро бо тартиб ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонун дар бораи маълумоти шахсӣ нобуд созад;
- дигар уҳдадориҳои пешбининамудаи Қонун дар бораи маълумоти шахсиро иҷро намояд.

## 4. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии субъектҳои маълумоти шахсӣ

4.1. Субъектҳои маълумоти шахсӣ ҳуқуқ доранд:

- иттилооти марбут ба коркарди маълумоти шахсии худро, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, гиранд. Маълумот аз ҷониби Оператор ба субъекти маълумоти шахсӣ дар шакли дастрас пешниҳод карда мешавад ва дар он набояд маълумоти шахсии ба дигар субъектҳои маълумоти шахсӣ тааллуқдошта мавҷуд бошад, ба истисноии ҳолатҳое, ки барои ошкор намудани чунин маълумоти шахсӣ асосҳои қонунӣ мавҷуданд. Номгӯи иттилоот ва тартиби гирифтани он бо Қонун дар бораи маълумоти шахсӣ муқаррар карда шудааст;
- аз Оператор аниқ намудан, бастан ё нобуд кардани маълумоти шахсии худро талаб намоянд, агар маълумоти шахсӣ нопурра, кӯҳнашуда, носаҳеҳ, ғайриқонунӣ гирифташуда ё барои мақсади арзгардидаи коркард зарур набошад, инчунин барои ҳифзи ҳуқуқҳои худ чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд;
- ҳангоми коркарди маълумоти шахсӣ бо мақсади пешбурди мол, кору хизматрасонӣ дар бозор шарти гирифтани розигии пешакиро пешниҳод намоянд;
- розигии худро ба коркарди маълумоти шахсӣ бозхонд намоянд, инчунин талаби қатъ намудани коркарди маълумоти шахсиро ирсол кунанд;
- амал ё беамалии ғайриқонунии Операторро ҳангоми коркарди маълумоти шахсии худ ба мақоми ваколатдор оид ба ҳифзи ҳуқуқи субъектҳои маълумоти шахсӣ ё бо тартиби судӣ шикоят намоянд;
- дигар ҳуқуқҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ намоянд.

4.2. Субъектҳои маълумоти шахсӣ уҳдадоранд:

- ба Оператор маълумоти саҳеҳро дар бораи худ пешниҳод намоянд;
- Операторро оид ба аниқсозӣ (навсозӣ, тағйирдиҳӣ)-и маълумоти шахсии худ хабардор намоянд.

4.3. Шахсоне, ки ба Оператор дар бораи худ маълумоти носаҳеҳ ё бе розигии субъекти дигари маълумоти шахсӣ маълумот дар бораи ӯро пешниҳод кардаанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

## 5. Принсипҳои коркарди маълумоти шахсӣ

5.1. Коркарди маълумоти шахсӣ дар асоси қонунӣ ва одилона амалӣ карда мешавад.
5.2. Коркарди маълумоти шахсӣ бо расидан ба мақсадҳои мушаххаси қаблан муайяншуда ва қонунӣ маҳдуд карда мешавад. Ба коркарди маълумоти шахсии бо мақсадҳои ҷамъоварии он номувофиқ иҷозат дода намешавад. Якҷоя намудани махзанҳои маълумоти дорои маълумоти шахсӣ, ки коркарди онҳо барои мақсадҳои ба ҳам номувофиқ амалӣ мегардад, иҷозат дода намешавад.
5.3. Танҳо маълумоти шахсие коркард карда мешавад, ки ба мақсадҳои коркарди он мувофиқат менамояд.
5.4. Мундариҷа ва ҳаҷми маълумоти шахсии коркардшаванда ба мақсадҳои арзгардидаи коркард мувофиқат менамоянд.
Зиёдатии маълумоти шахсии коркардшаванда нисбат ба мақсадҳои арзгардидаи коркарди он иҷозат дода намешавад.
5.5. Ҳангоми коркарди маълумоти шахсӣ саҳеҳӣ ва кифоягии он, инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ мубрам будани он нисбат ба мақсадҳои коркарди маълумоти шахсӣ таъмин карда мешавад. Оператор барои нобуд кардан ё аниқ намудани маълумоти нопурра ё носаҳеҳ чораҳои зарурӣ меандешад ва/ё андешидани онҳоро таъмин менамояд.
5.6. Нигоҳдории маълумоти шахсӣ дар шакле амалӣ карда мешавад, ки имкони муайян намудани субъекти маълумоти шахсиро фароҳам меорад, вале на бештар аз муҳлате, ки мақсадҳои коркарди маълумоти шахсӣ талаб менамоянд, агар муҳлати нигоҳдории маълумоти шахсӣ бо қонун ё шартномае, ки субъекти маълумоти шахсӣ тараф, фоидагиранда

ё супоришдиҳандаи он мебошад, муқаррар нашуда бошад. Маълумоти шахсии коркардшаванда пас аз расидан ба мақсадҳои коркард ё дар сурати аз байн рафтани зарурати расидан ба ин мақсадҳо нобуд ё бехусусият карда мешавад, агар қонун тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад.

## 6. Мақсади коркарди маълумоти шахсӣ

6.1. Оператор метавонад маълумоти шахсии Истифодабарандаро барои мақсадҳои зерин истифода барад:

6.1.1. Айнияткунонии Истифодабарандае, ки дар сомонаи Оператор (https:// eskhata.com) ба қайд гирифта шудааст.

6.1.2. Ба Истифодабаранда фароҳам овардани дастрасӣ ба захираҳои фардии Сомона.

6.1.3. Барқарор намудани робитаи мутақобила бо Истифодабаранда, аз ҷумла ирсоли огоҳиномаҳо ва дархостҳои марбут ба истифодаи Сомона ва хизматрасонӣ, инчунин коркарди дархостҳо ва аризаҳои Истифодабаранда.

6.1.4. Муайян намудани маҳалли ҷойгиршавии Истифодабаранда барои таъмини амният ва пешгирии қаллобӣ.

6.1.5. Тасдиқи саҳеҳӣ ва пуррагии маълумоти шахсии пешниҳоднамудаи Истифодабаранда.

6.1.6. Ба Истифодабаранда расонидани дастгирии самараноки муштарӣ ва техникӣ ҳангоми ба миён омадани мушкилоти марбут ба истифодаи Сомона.

6.1.7. Амалӣ намудани фаъолияти рекламавӣ бо розигии Истифодабаранда.

6.1.8. Ба Истифодабаранда фароҳам овардани дастрасӣ ба сомонаҳо ё хизматрасониҳои шарикони мағозаи интернетӣ бо мақсади гирифтани маҳсулот, навсозиҳо ва хизматрасониҳо.

## 7. Шартҳои коркарди маълумоти шахсӣ

7.1. Коркарди маълумоти шахсӣ бо розигии субъекти маълумоти шахсӣ барои коркарди маълумоти шахсии ӯ амалӣ карда мешавад.

7.2. Коркарди маълумоти шахсӣ барои амалӣ намудани вазифаҳо, ваколатҳо ва ӯҳдадориҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи Оператор гузоштааст, зарур мебошад.

7.3. Ҳангоми коркарди маълумоти шахсӣ Оператор барои ҳифзи маълумоти шахсӣ аз дастрасии ғайриқонунӣ ё тасодуфӣ ба онҳо, нобудсозӣ, тағйирдиҳӣ, бастан, нусхабардорӣ, пешниҳод, паҳн кардани маълумоти шахсӣ, инчунин аз дигар амалҳои ғайриқонунӣ нисбат ба маълумоти шахсӣ чораҳои зарурии ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва техникӣ меандешад.

7.4. Оператор бе розигии субъекти маълумоти шахсӣ маълумоти шахсиро ба шахсони сеюм ифшо намекунад ва паҳн намесозад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад.

7.5. Коркарди маълумоти шахсӣ барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии Оператор ё шахсони сеюм ё барои расидан ба мақсадҳои дорои аҳамияти ҷамъиятӣ зарур мебошад, ба шарте ки дар ин ҳолат ҳуқуқу озодиҳои субъекти маълумоти шахсӣ поймол нагарданд.

7.6. Коркарди маълумоти шахсӣ, дастрасии доираи номаҳдуди шахсоне, ки субъекти маълумоти шахсӣ ба онҳо пешниҳод кардааст е бо дархости ӯ (минбаъд маълумоти шахсии дастраси умум) амалӣ карда мешавад.(минбаъд — маълумоти шахсии дастраси умум).

7.7. Коркарди маълумоти шахсие, ки мутобиқи қонун бояд интишор ё ҳатман ошкор карда шавад, амалӣ карда мешавад.

## 8. Тартиби ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва дигар намудҳои коркард

Амнияти маълумоти шахсие, ки аз ҷониби Оператор коркард карда мешавад, тавассути татбиқи чораҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва техникӣ, ки барои иҷрои пурраи талаботи қонунгузории амалкунанда дар соҳаи ҳифзи маълумоти шахсӣ заруранд, таъмин карда мешавад.

8.1. Оператор ҳифз ва нигоҳдории маълумоти шахсиро таъмин намуда, тамоми чораҳои имконпазирро меандешад, ки дастрасии шахсони ваколатдорнабударо ба маълумоти шахсӣ истисно мекунанд.

8.2. Маълумоти шахсии Истифодабаранда ҳеҷ гоҳ ва тахти ҳеҷ гуна шарт ба шахсони сеюм дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳои вобаста ба иҷрои қонунгузории амалкунанда ё ҳолате, ки субъекти маълумоти шахсӣ ба Оператор барои интиқоли маълумот ба шахси сеюм ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳо тибқи шартномаи граждани-ҳуқуқӣ розигӣ дода бошад.

8.3. Дар сурати ошкор гардидани носаҳеҳӣ дар маълумоти шахсӣ, Субъект метавонад онро мустақилона бо роҳи ирсоли огоҳинома ба Оператор ба суроғаи почтаи электронии Оператор dm@eskhata.tj бо қайди «Мубрамгардонии маълумоти шахсӣ» нав намояд.

8.4. Муҳлати коркарди маълумоти шахсӣ бо расидан ба мақсадҳое, ки маълумоти шахсӣ барои онҳо ҷамъоварӣ шудааст, муайян карда мешавад, агар дар шартнома ё қонунгузории амалкунанда муҳлати дигарро пешбинӣ накарда бошад.

Истифодабаранда метавонад ҳар вақт розигии худро ба коркарди маълумоти шахсӣ бо роҳи ирсоли огоҳинома ба Оператор тавассути почтаи электронӣ ба суроғаи электронии Оператор бо қайди «Бозхонди розигӣ ба коркарди маълумоти шахсӣ» бозхонд намояд.

8.5. Маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи субъекти маълумоти шахсӣ ба интиқол (ба истиснои фароҳам овардани дастрасӣ), инчунин ба коркард ё шартҳои коркарди (ба истиснои гирифтани дастрасӣ) маълумоти шахсии барои паҳнкунӣ иҷозатдодашуда дар ҳолатҳои коркарди маълумоти шахсӣ барои манфиатҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва дигар манфиатҳои оммавии муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намекунанд.

8.6. Оператор ҳангоми коркарди маълумоти шахсӣ махфияти маълумоти шахсиро таъмин менамояд.

8.7. Оператор маълумоти шахсиро дар шакле нигоҳ медорад, ки имкони муайян намудани субъекти маълумоти шахсиро фароҳам меорад, вале на бештар аз муҳлате, ки мақсадҳои коркарди маълумоти шахсӣ талаб менамоянд, агар муҳлати нигоҳдории маълумоти шахсӣ бо қонун ё шартномае, ки субъекти маълумоти шахсӣ тараф, фоидагиранда ё супоришдиҳандаи он мебошад, муқаррар нашуда бошад.

8.8. Шарти қатъ намудани коркарди маълумоти шахсӣ метавонад расидан ба мақсадҳои коркарди маълумоти шахсӣ, ба охир расидани муҳлати амали розигии субъекти маълумоти шахсӣ, бозхонди розигӣ аз ҷониби субъекти маълумоти шахсӣ ё талаби қатъ намудани коркарди маълумоти шахсӣ, инчунин ошкор гардидани коркарди ғайриқонунии маълумоти шахсӣ бошад.

## 9. Номгӯи амалҳое, ки Оператор бо маълумоти шахсии гирифташуда анҷом медиҳад

9.1. Оператор ҷамъоварӣ, сабт, мураттабсозӣ, захиракунӣ, нигоҳдорӣ, аниқсозӣ (навсозӣ, тағйирдиҳӣ), гирифтан, истифода, интиқол (паҳнкунӣ, пешниҳод, дастрасӣ), бехусусияткунонӣ, бастан, нест кардан ва нобудсозии маълумоти шахсиро амалӣ менамояд.

9.2. Оператор коркарди автоматонидашудаи маълумоти шахсиро бо гирифтани ва/ё интиқоли маълумоти бадастомада тавассути шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ ё бе истифодаи чунин шабакаҳо амалӣ менамояд..

## 10. Интиқоли фаромарзии маълумоти шахсӣ

10.1. Оператор то оғози фаъолияти интиқоли фаромарзии маълумоти шахсӣ уҳдадор аст мақоми ваколатдор оид ба ҳифзи ҳуқуқи субъектҳои маълумоти шахсиро дар бораи нияти худ ҷиҳати амалӣ намудани интиқоли фаромарзии маълумоти шахсӣ огоҳ намояд (чунин огоҳинома алоҳида аз огоҳинома дар бораи нияти амалӣ намудани коркарди маълумоти шахсӣ ирсол карда мешавад).
10.2. Оператор то пешниҳоди огоҳиномаи дар боло зикршуда уҳдадор аст аз мақомоти ҳокимияти давлати хориҷӣ, шахсони воқеии хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷие, ки интиқоли фаромарзии маълумоти шахсӣ ба онҳо ба нақша гирифта шудааст, маълумоти дахлдорро гирад.

## 11. Махфияти маълумоти шахсӣ

11.1. Оператор ва дигар шахсоне, ки ба маълумоти шахсӣ дастрасӣ пайдо кардаанд, уҳдадоранд бе розигии субъекти маълумоти шахсӣ маълумоти шахсиро ба шахсони сеюм ифшо накунанд ва паҳн насозанд, агар қонун тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад.

## 12. Муқаррароти хотимавӣ

12.1. Истифодабаранда метавонад бо истифода аз почтаи электронӣ dm@eskhata.tj ба Оператор дар бораи масъалаҳои марбут ба коркарди маълумоти шахсии худ ҳар гуна тавзеҳот гирад .
12.1. Дар ҳуҷҷати мазкур ҳама гуна тағйирот ба қоидаҳо оид ба коркарди маълумоти шахсӣ аз ҷониби Оператор инъикос карда мешаванд. Қоидаҳо то иваз намудани онҳо бо версияи нав бемуҳлат амал мекунанд.
12.2. Версияи амалкунандаи Қоидаҳо дар дастрасии озод дар шабакаи Интернет бо суроғаи https://eskhata.com/ web_policy/. ҷойгир карда шудааст.